# ҚАРОРИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амал мекунад, ба диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (протоколи № 25, аз 24 сентябри соли 2020)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевичро дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих Искандаров Қ.) муҳокима намуда, тақризи ташкилоти тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих, профессор Латифов Ҷӯра Латифович ва номзади илмҳои таърих, дотсент Раҳматов Исмоил, муқарризони ғайрирасмӣ Пирумшоев Х., Раҷабов А., Якубов Ю., Убайдулло Н.К. ва хулосае, ки шӯрои диссертатсионӣ қабул кардааст, шунида, инчунин натиҷаи овоздиҳии пинҳониро ба инобат гирифта,

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 қарор мекунад:**

1.Таҳқиқоти диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи бандҳои 10,16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» ва «Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои

илмии ҳимояшуда», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад. Интишороти диссертант мазмуни асосии диссертатсияро комилан инъикос мекунанд.

2. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Қодиров Довар Саидаллоевич додани дипломи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дархост карда шавад.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **Н.К. Убайдулло**

**Котиби Шӯрои**
**диссертатсионӣ,**
**д.и.т.** **Н.Ҷ. Хоҷаева**

**24.09.2020.**